Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ба тасдиқ мерасонанд, ки дар ин давра минтақаи Кӯлобӣ вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои дахлдошта боқӣ мемонад, ки бештар нуқтаҳо ва манбаъҳои номусоиди бемории сӯхтанӣ ба қайд гирифта мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти аз ҷониби мо гузаронида ба тасдиқ мерасонанд, ки дар ноҳияҳои минтақаи Бохтар дар давоми солҳои 1952-2024 184 манбаи номусоид ва 238 нуқтаи номусоид, ки бо бемории сӯхтанӣ робита доранд, ба қайд гирифта шудааст. Тадқиқотҳои мо тасдиқ мекунад, ки дар ин давра дар минтақаи Бохтар низ манба ва нуқтаҳои эпизоотикии беморӣ ба қайд гирифта шудаанд. Маълумоти муфассал оид ба манба ва нуқтаҳои номусоид дар ҷадвали 2 оварда шудааст.


Ҷадвали 2 - Тақсимоти ҷуғрофии манба ва нуқтаҳои беморӣ сӯхтанӣ дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон (1952–2024)

№	Номи ноҳияҳо	Манбаъҳои номусоид	Шумораи нуқтаҳои номусоид	% аз шуораи манбаъҳои номусоид	% аз шумораи нуқтаҳои номусоид
1	А. Ҷомӣ	19	27	10,2	11,3
2	Панҷ	26	36	14,0	15,1
3	Ёвон	34	43	18,3	18,1
4	Шаҳритус	10	13	5,4	5,4
5	Носири Хисрав	1	1	0,5	0,4
6	Вахш	14	19	7,5	8
7	Кушониён	10	10	5,4	4,2
8	Кубодиён	21	25	11,3	10,5
9	Дӯстӣ	3	3	1,6	1,3
10	Ҷ. Балхӣ	9	10	4,8	4,2
11	Ҷайҳун	6	8	3,2	3,4
12	Хуросон	21	33	11,3	13,8
13	Норак	5	5	3,2	2,1
14	Левакант	5	5	2,7	2,1
15	Бохтар	-	-	-	-
Ҳамагӣ		184	238	100	100

Фаъолнокии нисбат зиёди эпидемиологӣ дар ноҳияҳои Ёвон, Панҷ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ба қайд гирифта мешавд, ки мутаносиба 34, 26 ва19 манбаъҳои номусоид ташкил медиҳанд. Ноҳияи Ёвон ҷои аввалро ишғол мекунад, ки 18,3 %-ро аз манбаъҳои умумӣ ва 18,1-и нуқтаҳои номусоид дар бар мегирад. Дар ноҳияҳои Панҷ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ин нишондод мутаносибан 14 ва 10,2%-ро ташкил медиҳад. Сатҳи баланди шиддатнокии эпизоотӣ ҳачунин дар ноҳияҳои Кубодиён, Хуросон ва Вахш ба қайд гирифта шудааст, ки мутаносибан 21 ва 14 манбаъҳои номусоди ин беморӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҳиссаи ноҳияҳои Кубодиён ва Хуросон 11,3%-ро аз миқдори умумиии манбаъҳои номусоид ва Вахш бошад 7,5%-ро ташкил медиҳад.

Баръакси ин нишондиҳандаҳои аз ҳама пасти эпидемиологӣ дар ноҳияҳои Носири Хисрав, Дӯстӣ ва Ҷайҳун мушоҳида мешавад, ки дар ин ноҳияҳо манбаъҳои номусоид аз 1 то 6-ро ташкил медиҳад. Дар ноҳияи Носири Хисрав танҳо як манба ба қайд гирифта шудааст, ки онро солим муаррифӣ менамояд. Ноҳияи Бохтар дар ҷадвал пешниҳод нагаштааст, зеро дар он бемории сӯхтанӣ ба қайд гирифта нашудааст. Таҳлили мазкур аз ҷониби мо тайи солҳои 2014-2024 дар 25 ноҳияи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Бо усули интихоби тахминӣ 24 мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида, ки дар 5 ноҳияи минтақаи Кӯлоб ва 5 ноҳияи минтақаи Бохтар ҷойгир шудаанд ва минтақаҳои гуногуни иқлимию ҷуғрофии вилояти Хатлонро дар бар мегиранд, омухта шуд.

Махсусиятҳои асосии зоҳирёбӣ ва паҳншавии мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида дар асоси харитаи эпизоотӣ, кадастри бемории сӯхтанӣ, ҳамчунин маводҳои ҳисоботи ветеринарии Маркази ҷумҳуриявии зиддиэпизооткии Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуд. Иловатан натиҷаҳои мушоҳидаҳои шахсӣ, ки аз ин манбаъҳо ва нуқтаҳои беофияти ҳудуди вилояти Хатлон ҷамъоварӣ шудаанд, ба ҳисоб гирифта шуданд. Маҷмуи маълумотҳои оморӣ дар 11 соли охир ба тасдиқ мерасонанд, ки вилояти Хатлон аз нигоҳи паҳнёбии бемории сӯхтанӣ дар байни ҳайвонот яке аз минтақаҳои нисбатан номусоид Тоҷикистон боқӣ мемонад. Маводҳои айёние, ки дар расми 3 пешниҳод шудаанд, динамикаи эпизоотии ин бемориро нишон медиҳад.



Расми 3. Манбаъҳои номусоиди бемории сӯхтанӣ дар 11 соли охир (солҳои 2014-2024)

Омӯзиши фаъолнокии мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида дар ҳудуди вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавсифоти асосии манбаъҳои беморӣ дар такия ба харитаҳои эпизоотӣ, кадастрҳои бемории сӯхтанӣ, ҳамчунин маводҳои ҳисоботҳои ветеринарии Маркази ҷумҳуриявии зиддиэпизооткии Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шудаанд. Моҳияти муҳимро ҳамчунин натиҷаҳои мушоҳидаҳои шахсӣ, ки дар ноҳияҳои номусоид гузаронида шудаанд ва дар онҳо алангаи сироят ба қайд гирифта шуд, соҳиб мебошанд. Дар рафти таҳқиқот таҳлили 338 намунаи хок ва 468 намунаи канаҳо, ки аз 24 мадфани 10 ноҳияи вилояти Хатлон ҷамъ оварда шудаанд, гузаронида шуд. Барои тадқиқоти озмоишгоҳӣ намунаҳои хок аз мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида тибқи низомномаи «Тавсияҳои методӣ доир ба интихоби намунаи хок барои тадқиқи бактериологӣ бобати мавҷудияти

барангезандаи бемории сӯхтанӣ актиномитсетҳо- антагонистҳо» (Москва, 1984) гирифта шуд.

Барои интихоби намунаҳои хок аз ҳудудҳои мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида пармаи таҷдидгардидаи масков истифода бурда шудаанд, ки имкони кашида гирифтани маводро аз чуқурии 2 метр таъмин намуданд. Аз ҳар мадфан 5 нуқтаи гирифтани намунаи хок – чорто аз кунҷҳо ва якто аз марказ интихоб карда шуда, аз онҳо яктогӣ намуна бо вазни на камтар аз 300 – граммӣ ҷамъ оварда шуд.

Ҳар як намунаро ба миқдори 60-граммӣ тақсим намуда, ба зарфи озмоишгоҳӣ (флакони даҳонвасеъ), барои таҳлили минбаъда, ҷойгир намудем. Хоке, ки аз қаър гирифта шуд ва барои таҳқиқ истифода нагардид, мавриди бесироятсозӣ қарор дода шуд. Барои ин он бо оҳаки хушки хлор (хлори фаъоли 25%) бо таносуби 1:3 омехта карда шуда, сипас намнок карда, ба ҷойи гирифташуда баргардонда шуд.

Баъди гирифтани намунаи хок аз мадфани ҳайвоноти аз ин беморӣ фавтида ба ҳар як бонка тамғакоғаз часпонда, дар он ҷой гирифтани хок сабт карда шуд ва баъди ин мавод ба озмоишгоҳ барои гузаронидани таҳқиқоти минбаъда интиқол дода шуд. Таҳлилҳои озмоишгоҳӣ на дертар аз 24 соати баъди воридшавии намунаҳо оғоз карда шуд. Зинаи якум аз озод намудани хок аз омехтаҳои калон, ба мисли санг ва фраксияҳои хурд, иборат буд. Сипас, намунаҳо боҷиддият омехта карда шуданд. Барои тайёр намудани суспензияҳо 60 г. хок ба колба ҷойгир карда шуда, сипас, ба он маҳлули 0,9%-и натрийи хлор бо ҳаҷми 15-20 мл рехта шуд. Колбаро маҳкам карда, ба муддати 7 дақиқа такон додем ва ба муддати 5 дақиқа нигоҳ доштем, то ки маҳлул таҳшин шавад. Баъди ин маҳлули болои таҳнишаста эҳтиёткорона ба колбаи плассмасии сентрифугашаванда гузаронида шуда, дар 1000 гардиш/дақиқа ба муддати 15 дақиқа мавриди сентрифугаронӣ қарор дода шуд.

Барои гузаронидани таҳқиқоти озмоишгоҳӣ маводи омоданамуда дар лаъличаи Петрӣ бо агари гӯшту пептонӣ (АГП-МПА) ва найчашишаҳо бо ҷӯшобаи гӯшту пептонӣ (ҶГП- МПБ) кишт карда шуд. Ҳамагӣ 4- тогӣ намуна аз ҳар як кишт истифода бурда шуд: ду намуна бе коркарди термикӣ, 2 намуна баъди коркарди термикӣ. Ин ҷараён имкон дод, ки ғашҳо ё худ омехтаҳои номатлуб бартараф карда шуда, мавод барои таҳлили бактериологии минбаъда тайёр карда шавад. Дар як лаъличаи Петрӣ ва як найчашиша бо ёрии шпатели тамйизёфта (стерильный) кишти назоратӣ гузаронида шуд, ки ин имкони соқит намудани омилҳои берунаи ба рушди парварда таъсиррасонандаро таъмин намуд. Киштҳо ба термостат дар ҳарорати 37^0C ҷойгир карда шуданд, ки онҳо ба муддати 48 соат дар шароити тағирнаёбанда инкубатсия гаштаанд. Ин рушду нумӯи мӯътадили бактерияҳоро таъмин намуда, имкон дод, ки натиҷаҳои нисбатан боварибахши таҳқиқот ба даст оварда шавад. Тасвири муфассали ҷараён дар расми 4 пешниҳод шудааст.



Расми 4. Кишти маводи ибтидоӣ дар лаъличаи Петрӣ бо агари гӯшту пептонӣ

Баъди инкубатсияи киштҳо дар шароити термостат дар намунаҳое, ки рушди Bacillus anthracis мушоҳида гардид, ҷӯшобаи гӯшту пептонӣ (ҶГП- МПБ) шафоф боқи монд, дар қаъри найчашиша бошад, таҳнишастаи мулоим ташаккул ёфт, ки лахтаи пахтаро ба ёд меорад.

Дар агари гушту петонӣ (ҶГП- МПБ) бо pH-и ба 7,4 баробар колонияҳои микроби бемории сӯхтанӣ ташккул ёфт, ки сохтори ҳамвори хираи хокистарии шахшӯл (R-шакл) дошт. Ин колонияҳо бо адгезияи баланд фарқ мекарданд ва бо асбоби ҳалқадор аз сатҳи болоии агар ҷудо шуданашон душвор буд, ки ин ҳам зоҳирёбии фенотипи типпи Bacillus anthracis ба шумор меравад.

Тасвири аёнии колонияҳои морфологӣ ва таҳнишастаҳоро дар расми 5 дидан мумкин аст.



Расми 5. Баҳои таҳнишаста дар найчашиша ва морфологияи колонияҳои Bacillus anthracis

Дар муҳити ғизои назоратӣ рушд маҷуд нест. Аз ҶГП ва АГП шакидаҳо тайёр карда шуда, тибқи нишондиҳандаҳои Грамм ва Романовский –Гимза рангин карда шудаанд.

Натиҷаҳои тадқиқоти озмоишгоҳии бадастоварда ба тасдиқ мерасонад, ки батсиллаи антракс қобилият дорад, ки намунаҳои хокӣ ба муддати дуру дароз маҳфуз монда, захромезии худро аз даст надиҳанд. Ин моҳияти эпидемиологии мадфанҳоро таъкид намуда, барои пешгирии паҳншавии инфексияҳо назорати қатъӣ ва риояи тадбирҳои санитариро талаб мекунад.

Нақши хок дар чараёни эпизотии бемории сӯхтании хайвонот

Махсусияти хоси барангезандаи *Bacillus anthracis* аз қобилияти ташаккул додани манбаъҳои устувори инфексия дар хок мебошад, ки хавфи доимии ба миён омадани эпидемияро фароҳам меорад. Тибқи баъзе маълумотҳо дар ҳудуди вилоят қариб 2000 чунин манбаъ ба қайд гирифта шудааст, вале ҳамчунин миқдори номуайяни мадфанҳои ба ҳисоб нагирифташуда мавҷуд аст, ки бе назорат мондаанд.

Коршиносон (экспертҳо) қайд мекунанд, ки мадфанҳои бе назорат хавфи баланд доранд, зеро барангезанда метавонад ба муҳити атроф роҳ ёфта, ба василаи хоки сироятёфта, обҳои зеризаминӣ ва интиқолдаҳандагони механикӣ паҳн гардад.

Чунон ки дар адабиёт кайд шудааст, «омӯзиши қонуниятҳои тақсимоти ҳудудии сӯхтанӣ ва механизмҳои таъсиррасонӣ ба фаъолияти фосилаҳои хок мавзӯи бисёр мақолаҳои илмӣ мебошад, ки ин масъаларо аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ мекунанд» [11, с.48-52]. Тадқиқоти қонуниятмандии паҳншавии ҳудудии бемории сӯхтанӣ ва механизмҳое, ки ба фаъолиятнокии манбаъҳои хокӣ таъсир мерасонад, предмети корҳои бешумори илмӣ маҳсуб меёбад, ки ин масъаларо аз нуқтаи назарҳои гуногун баррасӣ мекунанд

Бештари муҳаққиқон бар ин ақидаанд, ки яке аз омилҳои асосие, ки босуботии нуқтаҳои носолимро муайян месозад, таркиб ва хусусияти хок ба шумор меравад, ки барангезанда дар он ҷой дорад.

Дар баъзе типҳои хок *Bacillus anthracis* на танҳо қобилияти ҳаётиро нигоҳ медорад, балки эҳтимол барои рушд намудан шароитҳои мусоидро пайдо мекунад. Чунин омилҳо туршии баланд, намнокии паст, таркиби минералҳо ё мавҷудияти микроорганизмҳои антагонистро дарбар мегиранд, ки ба афзоиши *Bacillus anthracis* монеъ мегарданд.

Бо сабаби мубрамии муаммои бемории сӯхтанӣ дар байни ҳайвоноти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон чунин мақсад пеш гузошта шуд: омӯзиши таъсири сохтори хок ва омилҳои иқлимӣ ба инкишофи ҷараёни эпизоотӣ дар минтақа. Барои расидан ба мақсадҳои дарпешгузошта вазифаҳои зерин муқаррар карда шуданд:

-гузаронидани тафриқабандии ландшафтии паҳнёбии ҳудудии бемории сӯхтанӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлон, зоҳир намудани қонуниятмандии маҳдудёбии он;

-муайян намудани таъсири типи хок ва шароитҳои иқлимӣ ба ташаккулёбии манбаъҳои фаъоли эпизоотикии инфексияҳо;

- баҳо додан ба хавф ва омилҳое, ки ба маҳфузмонии дарозмуддати барангезандаи *Bacillus anthracis* дар муҳити атроф мусоидат мекунад.

Тадқиқотҳо дар ҳудуди вилояти Хатлон, ки ду воҳиди маъмурӣ-минтақаи Кӯлоб ва минтақаи Бохтарро дарбар мегирад, гузаронида шуда, махсусиятҳои паҳншавии инфексия ва робитаи он бо омилҳои табиию иқлимӣ дар онҳо таҳлил карда шуданд.

Мувофиқи гуфтаи як қатор муаллифон, «хок махзани асосӣ барои барангезандаи бемории сӯхтанӣ ба шумор меравад, устувории манбаъҳои эпизоотӣ на танҳо бо босуботии спораҳои *Bacillus anthracis*, балки ҳамчунин ғуншавии онҳо ва афзоиши фаъол дар муҳити хокӣ робита дорад» [9, с.105-117].

Спораҳои бемории сӯхтанӣ метавонанд ба воситаи об паҳн шаванд, ки ин дар шароити шориши дарёҳо, обхезиҳо ва боришоти бошиддат бахусус мубрам мебошад. Ба ғайр аз ин, ба паҳншавии онҳо фаъолияти хоҷагидорӣ, ки корҳои заминӣ, кандани чоҳҳо, гузаронидани тадбирҳои гидромелиоративӣ, таркишҳои сейсмологиро дарбар мегиранд, ҳамчунин бодҳои пурчанг, ки маводи инфексиониро ба масофаи хеле дур интиқол медиҳанд, мусоидат мекунад.

Дар 73 соли охир (1952-2024) дар ҳудуди вилояти Хатлон 627 нуқтаи носолиму эпизоотӣ ба қайд гирифта шудааст. Вале тибқи маълумотҳои алтернативӣ, миқдори чунин манбаъҳо метавонад аз 2000 гузарад, ки ин доир ба хавфҳои эпидемиологии пинҳонӣ шаҳодат медиҳад.

Тадқиқотҳо ба тасдиқ мерасонанд, ки тақсимоти ҷуғрофии беморӣ дар байни ҳайвонот дар минтақа соҳиби минтақанокии ландшафтии ифоданок мебошад. Баъзе аз ҳудудҳо нисбат ба дигар ҳудудҳо сатҳи нисбатан баланди шиддатнокии эпизоотиро нишон медиҳанд, ки ин метавонад бо махсусиятҳои таркиби хок ва омилҳои иқлимӣ робита дошта, ба маҳфузмонии дарозмуддати инфексия мусоидат кунад.

Дар асоси таҳлили сохти хок (тибқи маълумотҳои Институти «Тоҷикгипрозем» ва «Озмоишгоҳҳои кимёии агрономӣ») ва тибқи ҳудудии паҳншавии бемории сӯхтанӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шартан 5 минтақаи ландшафтӣ ҷудо карда шуд, ки аз нигоҳи тавсифоти физикию кимёӣ фарқ мекунанд:

1. Хоки сиёҳи тар,хокистарии сафедранг ва ҷигарии кӯҳӣ – дар ноҳияҳои кӯҳӣ паҳн гаштааст.
2. Скелети суст инкишофёфта, хокистарии тира, хоки марғзории обёришаванда- ба ҳудудҳои ҳамвори ҳосилхез бо арзиши агроэкологии баланд хос аст.
3. Хоки муътадили хокистарии аллювиалии ба дарёбод наздик – хоке, ки ба тули дарёҳо ва обанборҳо ташаккул ёфта, сатҳи миёнаи ҳосилхезиро соҳиб мебошанд.
4. Скелети суст инкишофёфта, хокҳои хокистарии шӯр- минтақаҳо бо шӯрнокии баланд ва маҷудияти маҳдуди моддаҳои органикӣ.

5. Скелети рушднаёфта, мактаи хокии хокистарии равшан- хокҳое, ки минтақаҳои аридӣ ҷой гирифта, бо ғилзатнокии гумусии паст фарқ мекунанд.

Ин минтақаҳои ландшафтӣ 25 воҳиди маъмурии минтақаро дар бар мегиранд ва соҳиби хусусиятҳои гуногуни физикию кимёӣ мебошанд, ки бо маҳфузмонию нашъунамои барангезандаи Bacillus anthracis таъсир мерасонанд. Нишондодҳои асосии хокҳо муайян карда шудаанд:

Мавҷудияти:

- гумус: 0,2-1,0;
- pH-и хок: 6,0-7,0;
- ҳарорат дар чуқурии 15-20 см(+2)-(+33)
- мавҷудияти фосфори муттаҳаррик: 16-60 мг/кг;
- мавҷудияти синк; 0,5-1,5 мг/кг;
- мавҷудияти мис; 0,4-0,8 мг/кг;
- мавҷудияти марганетс; 70-100 мг/кг;
- намнокии хок; 30-60%;
- баланди аз сатҳи баҳр: 300-4200 м.

Ин андозаҳо ба фаъолнокии биологии хок таъсири бевосита мерасонанд, ки дар маҳфузмонӣ ва паҳншавии спораҳои беморию сӯхтанӣ нақши муҳим мебозанд. Натиҷаи тадқиқоти мазкур дар расми 6 пешниҳод шудааст.



Расми 6. Таъсири шароитҳои ландшафтӣ ба ташаккулёбии манбаъҳои эпизоотикӣ дар вилояти Хатлон(тайи солҳои 1937-2024)

Таҳлили паҳншавии ҳудудии манбаъҳои эпизоотикии сӯхтанӣ, ки дар давраи солҳои 1952-2024 гузаронида шудааст, маҳдудёбии афзалиятнокро дар типпи хокҳои муайян зоҳир намуд. Аз 1021 нуқтаи номусоиди беморию сӯхтанӣ ба қайд гирифта;

- 75,4 % -и мавридҳои беморшавӣ дар ноҳияҳои хокашон хокистаранги тира, хокистарии равшан, хокҳои хокистарии сафедранги баланди кӯҳӣ, хокҳои ҷигарии кӯҳӣ ва хокҳои хокистарии марғзорию обёришаванда мушоҳида мешавад.
- 17% ба хокҳои хокистарии мӯътадил ва хокҳои хокистарии аллювиалии скелети типпии сустинкишофёфта рост меояд.
- Танҳо 7,6 манбаъ дар хокҳои баландкӯҳии хокистарии равшан ва хокҳои сафедранг ба қайд гирифта шудааст, ки шароит барои маҳфузмонии инфексияҳо камтар мусоид мебошад.

Дар давоми дах соли охир суръати аз худ кардан ва барқарор намудани заминҳо барои истифодаи соҳаи хоҷагии қишлоқ ҷудокардашуда хеле афзуд. Ин майдонҳо паштара вақт беназорат монда ба мақсадҳои шахсӣ ва ҳамчун чарогоҳи чорво истифода мешуданд.

Омилҳои номусоид, монанди риоя накардани қоидаҳои ветеринарӣ ҳангоми корҳои мелиоративӣ боиси паҳн шудани беморӣ дар байни ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ мегарданд. Аз ин рӯ, эҳтимоли афзоиши бемории сӯхтанӣ дар чорвоён дар вилояти Хатлон, бахусус дар минтақаҳое, ки рушди фаъоли кишоварзӣ ва назорати нокифояи байторӣ доранд, баланд боқӣ мемонад.

Омузиши таъсири самарабахшии маводҳои сироятзудо ба батсилаи антракс дар мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида

Дар солҳои охир истеҳсоли маводҳои сироятзудо зиёд гардида, анвои онҳо барои таъминни бехатарии микробиологӣ васеъ гардидааст, ки барои пешгирию аз байн бардоштани гардиши барангезандагони инфексияҳои антропозоонозӣ, ки ба муддати дароз дар муҳити атроф маҳфуз мемонанд, равона гардидаанд.

Талаботи марказҳои таъмини бехатарии озуқавроии шаҳру ноҳияҳо ба таркибҳои зиддӣ микробӣ ва сироятзудо ба пуррагӣ ғайриқаноатбахш боқӣ мемонад, ки ҷустуҷӯи доимӣ ва самарабахши воситаҳоро барои коркарди хок ва муҳити гирду атроф тақозо мекунад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ҷустуҷӯйи мавводҳи сироятзудои таъсирнок, ки барои мубориза бо барангезандагони бемориҳои сироятии устувор, аз он ҷумла бемории сӯхтанӣ равона гардидаанд, хеле муҳим аст. Ин батсилла қобиляти дар хок ба хусус дар мадфани ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида, маҳфузмонии зиёда аз 100-соларо соҳиб мебошад. аз ин лиҳоз, ҷустуҷӯ ва татбиқи маводҳои самарабахш, ки таъсири зиддимикробии дарозмуддатро таъмин менамоянд, унсури асосии пешгирӣ ва назорати авзои эпидемиологӣ ба шумор меравад. Аз ҷониби мо дар доираи таҳқиқот самарабахшии маҳлули электрокимёии «Анолити нейтралӣ» истеҳсоли ҶДМК «СЭЛ» (ш. Воронеж Ф Р) омухта шуд (расми 7). Сикли таҷрибаҳо доир ба таъсири таркиб ба батсилаҳои антракс дар шароити озмоишгоҳи ва истеҳсолӣ гузаронида шуд.



Расми 7. Маҳлули электрокимёии «Анолити нейтралӣ»

Аз соли 2021 то соли 2023 ба озмоигоҳи бактериологии Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ 338 намунаи хок, 468 кана аз 24 мадфан ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида, ки дар ҳудуди 10 ноҳияи вилояти Хатлон ҷойгир шудаанд, ворид карда шуд. Дар шароитҳои озмоишгоҳӣ корҳои таҷрибавӣ бо усулҳои бамикроскопгирӣ, бактериологӣ, биологӣ ва усули СРП дар тест объекҳое, ки бо парвардаи микроорганизмҳо олуда карда шудаанд, гузаронида шуд. Дар рафти тадқиқоти озмоишгоҳии якум тест-хайлҳои стандартии парвардаҳои микроорганизмҳои типӣ, ки аз бонки Маркази коллексияи миллии микроорганизамҳои касалиовари ИМАББ: *Staphylococcus aureus*, *E. coli*, *Bacillus anthracis*. пешниҳод гардиданд, истифода бурда шуд. Маводҳо вобаста ба тест-объектҳо ба чор гурӯҳ тақсим карда шуданд: сатҳи чӯбӣ (тахтагин), лаъличаҳои шишагини Петрӣ, сатҳи бетонӣ ва матои пахтагин.

Барои озмоиш тест - объектҳо дар шакли қуттиҳо бо андозаи 10 х 10см^2 тайёр карда шуд. Бо мақсади ҳимояи иловагии биологӣ коркард бо пору ва хоки тамйизёфта аз ҳисоби 30 г дар 100 см^2 пурра карда шуд. Ҳар як микрорганизм дар тест-объектҳо алоҳида ҷойгир карда шуд, ки ин имкони мушоҳидаи махсусияти рафторро дар муҳитҳои гуногун фароҳам овард.

Гурӯҳи якум: 1млрд. маҳлули парвардаи *Staphylococcus aureus* (хайли 33 TJ) ба ҳаммаи тест – объекҳо гузошта шуд.

Гурӯҳи дуюм: 2 млрд. маҳлули парвардаи *E. Coli* ба ҳаммаи тест – объекҳо гузошта шуд.

Гурӯрӯҳи сеюм: 1 млрд. маҳлули парвардаи *Bac. anthracis* ба ҳаммаи тест – объекҳо гузошта шуд.

Гурӯҳи чорум: назоратӣ, дар ҳамаи тест – объекҳо (сатҳи назоратӣ бо маҳлули физиологӣ коркард карда шуд). Ба ғайр аз гуруҳи назоратӣ (чорум) дар ҳамаи дигар таҷрибаҳои боқимонда маҳлули ғилзатноки маҳлули электрокимёии «Анолити нейтралӣ» бо харҷи 0,6 ва 1 л/м^2 ба кор бурда шуд. Экспозитсия бо муддати 1, 2 ва 3 соат давом дода шуд, пошидани маҳлул бошад, ба тариқи дукарата бо фосилаи 15 дақиқагӣ бо усули обшоркунии хурддисперсионӣ бо асбоби обпошкандаи дастӣ ба иҷро расонида шуд. Қабл ва баъди коркард обшустаҳо аз тест- объектҳо гирифта шуда, баъди ин кишт дар АГП (МПА) ва ҶГП (МПБ) барои таҳқиқи бактериологӣ гузаронида шуд, ки натичахои он дар расми 8 нишон дода шудаанд.



Расми 8. Раванди кор бо маҳлули электрокимёии «Анолити нейтралӣ»

Барои додани баҳои самарабахшии реҷаҳои сироятзудоӣ киштҳо дар агари гушту пептонӣ ва ҷӯшобаи гӯшту пептонӣ, дар термостати 37^{0}С парвариш карда шуданд. Давомнокии инкубатсия 24-48 соатро ташкил дод, ки ин имкони мушоҳидаи динамикаи рушди микроорганизмҳоро баъди коркард таъмин намуд. Самарабахшии сироятзудоӣ дар асоси мавҷудият ё ҷой надоштани рушди бактерияҳо обшустаҳо, ки аз тест объектҳо баъди коркарди дукарата бо воситаи сироятзудоӣ гирифта шудаанд, қазоват карда шуд. Ҳамагӣ 3 силсилаи озмоиш бо такрорёбии секарата барои грифтани маълумотҳои боварибахш гузаронида шуд. Натиҷаҳои ниҳоие, ки дараҷаи пахши рушди микробҳоро инъикос мекунанд,дар ҷадвали 3-6 пешниҳод шудаанд ва тибқи онҳо таъсири реҷаҳои гуногуни сироятзудоиро дар сатҳи тестӣ мушоҳида намудан мумкин аст

Ҷадвали 3. Таъсири речаҳои гуногуни коркард бо маҳлули электрокимёии «Анолити нейтралӣ» ба *Staphylococcus aureus* бо усули сироятзудоии намкунонии тест-объектҳо

Гилзатнокии маҳлул	Сарфи таркиб л/м²	Экспозитсия (соат)	Рушди микроорганизмҳо баъди сироятзудоӣ					
			Чуб бо хок	Бетон бо пору	Шиша бо хок	Чӯб	Бетон	Матои пахтагин дар найчаи шишагин
Маҳлули ибтидоӣ	0.6	1	+	+	+	+	+	+
		2	+	+	+	+	+	+
		3	+	+	+	+	–	–
	1.0	1	+	+	+	+	–	–
		2	+	+	–	–	–	–
		3	–	–	–	–	–	–
Назоратӣ	–	1	+	+	+	+	+	+
	–	2	+	+	+	+	+	+
	–	3	+	+	+	+	+	+
Эзоҳ: (–) ҷой надоштани микроорганизмҳо, (+) мавҷудияти рушди микроорганизмҳо.								

Тибқи маълумотҳои ҷадвали 3, коркарди *Staphylococcus aureus* вобаста аз типи сатҳ ва таъсири воситаи сироятзудо натиҷаи гуногунро нишон дод, дар матои пахтагин ва бетон инактиватсияи пурра дар мавриди харҷи 0,6 л/м² ва экспозитсияи 3-соата ба миён омад; шиша бо хок ва чӯб дар мавриди зиёд намудани масрафот то 1 л/м² бо экспозитсияи 2-соата самарабахшона бесироят гардиданд; маҳви пурраи бактерияҳо дар ҳама тест- объекҳо дар соати 3-юм, ҳангоми харҷи 1 л/м² мушоҳида гардид.

Ҷадвали 4. Таъсири речаҳои гуногуни коркард бо маҳлули электрокимёии «Анолити нейтралӣ» ба *E. Coli* бо усули сироятзудоии намкунонии тест-объектҳо

Гилзатнокии маҳлул	Сарфи таркиб л/м²	Экспозитсия, (соат)	Рушди микроорганизмҳо баъди сироятзудоӣ					
			Чӯб бо хок	Бетон бо пору	Шиша бо хок	Чӯб	Бетон	Матои пахтагин дар найчаи шишагин
Маҳлули ибтидоӣ	0.6	1	+	+	+	+	+	+
		2	+	+	+	+	+	+
		3	+	+	–	–	–	–
	1.0	1	+	+	–	–	–	–
		2	–	–	–	–	–	–
		3	–	–	–	–	–	–
Назоратӣ	–	1	+	+	+	+	+	+
	–	2	+	+	+	+	+	+
	–	3	+	+	+	+	+	+
Эзоҳ: (–) ҷой надоштани микроорганизмҳо, (+) мавҷудияти рушди микроорганизмҳо.								

Тибқи натиҷаҳои озмоиш, ки дар ҷадвали 4 пешниҳод шудааст, Дар мавриди истифодаи дукаратаи маҳлули электрокимёии «Анолити нейтралӣ» бар зидди *E. Coli* бо харҷи 0,6 л/м² бо фосилаи 15 дақиқагӣ ва экспозитсияи 3- соата дар ҳамаи тест-объектҳо (чӯб, бетон, шиша бо хок ва матои пахтагин) инактиватсияи микроорганизмҳо ба миён

омад. Дар мавриди харҷи дукарата ба миқдори 1 л/м^2 бо худи ҳамин фосила ва экспозитсияи 1- соата дар муҳити ғизои, ки аз тест- объектҳо (чӯб бо хок ва бетон бо пору) гирифта шуд, колонияи микроорганизмҳо мушоҳида гардид. Баъди се соати мушоҳида хирдаи киштӣ муҳити ғизоӣ колонияҳои *E. Coli* мавҷуд набуданд, ки самарабахшии коркардро тасдиқ мекунад.

Ҷадвали 5. Таъсири речаҳои гуногуни коркард бо маҳлули электрокимёии «Анолити нейтралӣ» ба *Bac. anthracis* бо усули сироятзудоии намкунонии тест-объектҳо

Гилзатнокии маҳлул	Сарфи таркиб л/м	Экспозитсия, (соат)	Рушди микроорганизмҳо баъди сироятзудоӣ					
			Ҷӯб бо хок	Бетон бо пору	Шиша бо хок	Чӯб	Бетон	Матои пахтагин ар найчаи пиширакаи
Маҳлули ибтидоӣ	0.6	1	+	+	+	+	+	+
		2	+	+	+	+	+	+
		3	–	–	–	–	–	–
	1.0	1	+	+	+	+	+	+
		2	+	+	+	+	+	+
		3	–	–	–	–	–	–
Назоратӣ	–	1	+	+	+	+	+	+
	–	2	+	+	+	+	+	+
	–	3	+	+	+	+	+	+
Эзоҳ: (–) ҷой надоштани микроорганизмҳо, (+) мавҷудияти рушди микроорганизмҳо.								

Натиҷаҳои тадқиқот, ки дар ҷадвали 5, пешниҳод шудааст, самарабахшии маҳлули электрокимёии «Анолити нейтралӣ»-ро бар зидди *Bac. Anthracis* дар тест- объек тҳо, ки мавриди таҳлили бактериологӣ қарор дода шудаанд, ба тасдиқ расонд. Дар мавриди истифодаи дукаратаи мавод бо вояи 1 л/м^2 бо фосилаи 15 дақиқа ва экспозисияи 1 соат дар муҳоти ғизоӣ, ки аз ҳамаи тест- объекҳо ба даст оварда шуд, мавҷудияти колонияҳои микроорганизмҳо мушоҳида гардид. Баъди 3 соати мушоҳидаҳои киштӣ ғизоӣ колонияҳои *Bac. Anthracis* ҷой надоштанд, ки ин барои пуррагӣ инактиватсияи патоген шаҳодат медиҳад.

Дар зинаи дуюми озмоиши маводе, ки аз мадфанҳои ҳайвонҳои аз бемории сӯхтанӣ фавтида гирифта шуд, таҳлил карда шуд. Барои шинохтани барангезанда шакидаҳо (молишакҳо) тибқи нишондоди Романовский- Гимза ва Грамм рангин кардашуда истифода гардид, ки ин имкони зоҳир намудани микроорганизмҳои чӯбчашакли граммусбиро таъмин намуд, ки онҳо ба тариқи ҷуфт ҷойгир шуда буданд. Дар мавриди тадқиқи микроскопӣ ба қайд гирифта шуд, ки яке аз нӯги бактерия шакли бурида дорад, ҳоло он ки муқобили он соҳиби байзашакл буд.

Зинаи сеюми озмоишҳо дар шароити саҳроӣ гузаронида шуданд, яъне дар мадфанҳои ҳайвонҳои аз беморӣ сӯхтанӣ фавтида дар нуқтаҳои аз нигоҳи инфексия дар ду силсила корҳои таҷрибавӣ омӯхта шуд. Силсилаи якуми таҷрибаҳо дар ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Ҷайҳун ва Фархори вилояти Хатлон гузаронида шуданд. Ҳамаи нуқтаҳои тадқиқшаванда ба се гурӯҳ ҷудо карда шуданд ва дар ҳар яки он махсусияти паҳншавӣ ва маҳфузмонии барангезанда дар муҳити ғизоӣ таҳлил карда шуд:

1. Таҷриба дар яке аз мадфанҳои ноҳияи Фархор (ҷамоати деҳоти «Хутан», деҳаи Мазор) гузаронида шуд. Бо ин мақсад сатҳи болоии хок бо маҳлули электрокимёии «Анолити нейтралӣ» бо харҷи 1 л/м^2, дукарата бо фосилаи 15- дақиқагӣ коркард када шуд.

2. Таҷриба дар яке аз мадфанҳое, ки дар ноҳияи Ҳамадонӣ (ҷамоати деҳоти «Меҳнатобод» даҳаи Дӯстӣ) гузаронида шуд: монанд ба таҷрибаи якум 1 л/м^2 маҳлули электрокимёии «Аналити нейтралӣ» бо худи ҳамон реҷа ба сатҳи болоии хок коркард карда шуд.

3. Гурӯҳи назоратӣ- таҷриба дар яке аз мадфанҳое, ки дар ноҳияи Ҷайҳун (ҷамоати деҳоти Панҷ, даҳаи фермаи №5) гузаронида шуд: дар ин маврид хок бо маҳлули физиологӣ коркард карда шуд, то ки самарабахшии коркард бо гурӯҳи таҷрибавӣ муқоиса карда шавад.

Силсилаи дуюми таҷрибаҳо таҳлили минбаъдаи маводҳои таҷрибавӣ ва назоратиро, ки бо мақсади муайян намудани самарабахшии маҳлули электрокимёии «Анолити нейтралӣ»-и бакор бурда аз мадфанҳои ҳайвоноти аз беморӣ сӯхтанӣ фавтида гирифта шуданд, фаро гирифт. Натиҷаҳои тадқиқот дар ҷадвали6 пешниҳод шудаанд.

Ҷадвали 6. Самарабахшии безараркунии мадфанҳои ҳайвоноти аз беморӣ сӯхтанӣ фавтида бо маҳлули электрокимёии «Анолити нейтралӣ» ба *Bac. anthracis* бо усули сироятзудоии намкунонии тест-объектҳо

Ғилзатнокии маҳлул	Сарфи таркиб л/м	Экспозитсия, (соат)	Рушди микроорганизмҳо баъди сироятзудоӣ					
			Ҷӯб бо хок	Бетон бо пору	Шиша бо хок	Ҷӯб	Бетон	Матои пахтагин дар найчаи шишишагин
Маҳлули ибтидоӣ	0.6	1	+	+	+	+	+	+
		2	+	+	+	+	+	+
		3	–	–	–	–	–	
	1.0	1	+	+	+	+	+	+
		2	+	+	+	+	+	+
		3	–	–	–	–	–	–
Назоратӣ	–	1	+	+	+	+	+	+
	–	2	+	+	+	+	+	+
	–	3	+	+	+	+	+	+
Эзоҳ: (–) чой надоштани микроорганизмҳо, (+) мавҷудияти рушди микроорганизмҳо.								

Тавре, ки аз ҷадвали 6 аён мегардад, дар рафти тадқиқи бактериологии тест-объектҳо, ки бо *Bac. Anthracis* сироят карда шудаанд, истифодаи маҳлули электрокимёии «Анолити нейтралӣ» ба харҷи 1 л/м^2 бо коркарди дукарата ва фосилаи 15- дақиқагӣ ба натиҷаҳои зерин овард: дар давоми ду соати якум дар муҳитҳои ғизоӣ рушди колонияҳои микроорганизмҳо мушоҳида гардид, вале баъди се соат колонияҳои *Bac. Anthracis* ба пуррагӣ нопадид гардиданд. Ҳамин тавр, мавод дар бобати ба пуррагӣ аз байн бурдани микроорганизмҳои мазкур дар фосилаи вақти муқараршуда самарабахширо зоҳир намуд.

Ҳамин тавр, маълумотҳои бадаст оварда ба тасдиқ мерасонанд, ки усули сироятзудоӣ, ки ба истифодаи маҳлули электрокимёии «Аналити нейтралӣ» асос ёфтааст, барои истифода дар шароитҳои саҳроӣ дар мубориза бо барангезандаи бемории сӯхтанӣ самарабахш буда, ҳамчунин соҳиби манфиатнокии иқтисодии баланд мебошад. Ба ғайр аз ин, чунин муносибат ҳифзи боэътимодро таъмин намуда, хавфи паҳнёбии барангезандаи бемориро ба ҳадди ақал мерасонад.

Хавфи биологии батсиллаҳои антракс бо истифодаи таҳлили СРП

Барои тадқиқоти бактериологии намунаҳои хок аз соли 2021 то соли 2023 аз 24 мадфани бемории сӯхтанӣ дар 10 ноҳияи вилояти Хатлон 338 адад намунаи хок гирифта шуд, ки танҳо 5 мадфан натиҷаи мусбӣ доданд, ки дар ҷадвали 7 нишон дода шудааст

Ҷадвали 7 – Натиҷаҳои таҳлили озмоишгоҳӣ оид ба ошкор намудани батсиллаҳои сӯхтанӣ аз намунаҳои хок.

Шаҳр ва ноҳияҳо	Миқдори маводи амрозӣ				Муайян шуд *B. anthracis*		
	2021 г.	2022 г.	2023 г.	Всего	2021 г.	2022 г.	2023 г.
Панҷ	15	–	–	15	–	–	–
Ёвон	25	–	–	25	–	–	–
Ҷайҳун	–	20	–	20	–	1	–
А. Ҷоми	–	10	–	10	–	–	–
Кулоб	–	30	20	50	–	–	1
Фархор	–	20	40	80	–	–	1
Ҳамадони	–	10	103	113	–	1	–
Ҷ. Балхӣ	–	10	–	10	–	–	–
Шаҳритус	–	–	20	20	–	–	1
Хуросон	–	–	15	15	–	–	
Ҳамаги	40	100	198	338	–	2	3

Дар баробари ин, санҷиши СРП аз 101 намунаи хок барои муайян кардани батсиллаи антракс гузаронида шуд. Барои таъмини бехатарии он ва пешгирии ифлосшавии эҳтимолӣ ҳар як намунаи хок дар як контейнери шишагини хушк ки бо сарпӯши безарар гардондашуда маҳкам ва тамғагузорӣ карда шуда, ҷойгир карда шуданд.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлили намунаҳои хок бо усули СРП, ки аз мадфанҳои ҳайвоноти аз беморӣ сӯхтанӣ фавтида гирифта шуданд ва бо суспензия сироят намудани ҳайвоноти дар зери таҷриба қарордошта ба исбот расонданд, ки батсиллаҳои беморӣ сӯхтанӣ метавонанд солҳои дароз дар хок маҳфуз монда, қобилият доранд, ки организмҳои зиндаро дар мавриди тамосёбӣ дар манбаъҳои сироятии доимӣ сироят намоянд.

Такмил додани тадбирҳо доир ба аз байн бардоштани мадфанҳои ҳайвоноти аз беморӣ сӯхтанӣ фавтида

Дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисобгирии ҳамаи мадфанҳои ҳайвонҳо ва ҷасади ҳайвоноти сироятёфтаи гӯркарда гузаронида шудааст. Ҳамагӣ 1021 мадфан ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 186 –то амалкунанда буда 15-то дар майдонҳои киштгардонӣ қарор доранд.

Муайян намудани ҷойю макони ин объектҳо, бахусус дар шроитҳои фаъоли сохтмонӣ, гузаронидани корҳои мелиоративӣ ва дигар намуди фаъолияти хоҷагидорӣ, хело ҳам муҳим аст. Дар натиҷаи чунин тадбирҳо баъдан ҳудудҳое зоҳир карда мешавад, ки қаблан ба барангезандаҳои бемории сӯхтанӣ, аз он ҷумла мадфанҳо, чоҳҳои биотермӣ ва дигар қитъаҳои шадидан хавфнок, сироят ёфтаанд.

ХУЛОСАҲО

1. Дар вилояти Хатлон нуқтаҳои аз бемории сӯхтанӣ носолим тибқи тавсифоти эпизоотӣ ва хавфнокиашон шадид фарқ мекунанд, ки ин бештар аз шароитҳои табиию иқлимӣ ва фаъолнокии мадфанҳои ҳайвоноти аз ин беморӣ фавтида вобастагӣ дорад [1 - М, 4-М, 6-М].

2. Натиҷаҳои таҳлили манбаъҳои табиии барангезандаҳои бемории сӯхтанӣ тибқи харитаҳои эпизоотӣ, кадастрҳои бемории сӯхтанӣ ва маводҳое, ки аз нуқтаҳои носолим гирифта шуданд ва дар асоси тадқиқотҳои гуногун: микроскопӣ, бактериологӣ, биологӣ ва усули СРП, омухта шудаанд [1 -М, 4-М, 5- М].

3. Алангаи бемории сӯхтанӣ, бар асари сари вақт ба қайд нагирифтани мадфани ҳайвоноти аз ин беморӣ фавтида ва пурра ҷой надоштани назорати онҳо, ба миён меояд [2 -М].

4. Маводи нави «Анолити нейтралӣ» коркарду санҷида шуд, ки воситаи самарабахшу таъсирнок барои сироятзудоии манбаъҳои бемории сӯхтанӣ ба шумор меравад[3 -М].

5. Натиҷаи таҳлили маводҳои аз мадфанҳо ба дастоварда, ки батсилаҳои бемории сӯхтанӣ метавонанд дар хок ба муддати тӯлонӣ (то 100 ва аз ин ҳам зиёд) маҳфуз монанд[2 -М, 4-М].

6. Имконияти гузаронидани мониторинги мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида ва маҳви алафҳои бегона бо маводҳои сироятзудои (дезинфектанҳои) нав муқарар карда шуд дорад [1 -М, 3-М, 4-М, 6-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот

Дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти ба даст оварда асноди зерин таҳия гардидаанд:

1. Барои ташхиси бемории сӯхтанӣ дар шароити лабораторӣ аз рӯи маводҳои мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида ба миқдори 20гр аз ҳар нуқта ва пораҳои пӯсти ҳайвоноти фавтида аз ин беморӣ, ки қутраш на камтар аз 3х3 $см^2$ -ро ташкил диҳад, тадқиқот гузаронида шавад.

2.Барои муайян кардани нуқтаҳои номусоиди бемории сӯхтании ҳайвонот, истифодаи ин кадастр тавсия дода мешавад, зеро суроғаи қаблӣ ба суроғаи нав иваз карда шудааст, ки ин барои дақиқ муайян намудани ҷойгиршавии нуқтаҳои номусоид мусоидат мекунад.

3. Барои пешгирӣ ва мубориза бо сӯхтанӣ, ваксинаи штамм 55 аммо дар минтақаҳои гирифтори ин беморӣ дар як сол ду маротиба истифода шавад.

4. Барои безараргардонии мадфанҳои бемории сӯхтанӣ маҳлули электрохимиявии «Анолити нейтралӣ »-ро истифода баранд.

Маълумотҳои дар натиҷаи кори диссертатсионӣ ба дастомада метавонанд ба сифати маводи таълимӣ барои омӯзгорон, аспирантон ва донишҷӯёни факултету институтҳои ветеринарӣ истифода бурда шаванд.

РУЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Бургасов, П. Н. Сибирская язва [Текст] / П. Н. Бургасов, Л. М. Марчук, Б. Л. Черкасский [и др.] / Под ред. Р. А. Салтыкова. – Москва: Медицина, 1970. – 127 с.
2. Бургасов, П. Н. Сибиреязвенная инфекция [Текст] / П. Н. Бургасов. – Москва: Медицина, 1984. – 208 с.
3. Ганнушкин М. С. Ганнушкин, М. С. Сибирская язва [Текст] / М. С. Ганнушкин // Курс эпизоотологии. – 6-е изд., испр. и доп. – Москва: Сельхозгиз, 1952. – С. 121-138.
4. Гинсбург, Н. Н Гинсбург, Н. Н. Сибирская язва [Текст] / Н. Н. Гинсбург. – Москва: Медицина, 1975. – 159 с.
5. Колесов. М. С. Сибирская язва [Текст] / С. Г. Колесов. – Москва: Колос, 1976. – 288 с.
6. Логвин, Ф. В. Сибирская язва в мире, странах СНГ И РФ [Текст] / Ф. В. Логвин, Т. А. Кондратенко, С. Ю. Водяницкая // Медицинский вестник Юга России. – 2017. – № 8 (3). – С. 17-22.
7. Максимович, В. В. Сибирская язва сельскохозяйственных животных: Монография [Текст] / В. В. Максимович [и др.]. – Мозырь: КПУП «Колор», 2003. 94 – 102 с.
8. Муминов, А. А. Сибирская язва – зооантропонозное заболевание [Текст] / А. А. Муминов, С. Ш. Ахмадбекова, Ш. Р. Мирзахметов // Учёные записки Казанской государственной академии ветеринарной медицины им. Н. Э. Баумана. – 2012. – № 211. – С. 115-120.

9. Носков, Н. И. Почва – резервант сибирской язвы [Текст] / Н. И. Носков // Учёные записки Кабардино-Балкарского государственного университета. – 1967. – Вып. 34. – С. 105-117.
10. Черкасский, Б. Л. Особо опасные инфекции: Справочник [Текст] / Б. Л. Черкасский. – Москва: Медицина, 1996. – 160 с.
11. Черкасский, Б. Л. Закономерности территориального распространения и проявления активности стационарно неблагополучных по сибирской язве пунктов [Текст] / Б. Л. Черкасский // Эпидемиология и инфекционные болезни. – 1999. – № 2. – С. 48-52.
12. Ярощук, В. А. Роль молока при алиментарном способе заражения сибирской язвой, и разработка методов его обеззараживания: автореф. дис. … канд. мед. наук: 03.00.07 [Текст] / Ярощук Виктор Андреевич. – Саратов, 1988. – 88 с.
13. Fudjikurta, T. Current occurrence of anthrax in man and animals [Текст] / T. Fudjikurta // Proceedings of the International Workshop on Anthrax. – Winchester, England, 1989. – P. 15-16.

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

Мақолаҳое, ки дар мағалаҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд

[1-М] **Тоиров А.С.** Ваъзи эпизоотӣ ва паҳншавии географии бемории сӯхтанӣ дар Тоҷикистон / А. А. Муминов, О. Д. Назарова, Тоиров А. С. // Гузоришхои АИКТ. – Душанбе. 2021. № 2. С. 45-50.

[2-М] **Тоиров А.С.** Профилактика сибирской язвы животных - залог обеспечения биологической и продовольственной безопасности / А.С. Тоиров, Ш. Р. Мирзахметов, А. А. Муминов, М. Асрорзода // Известия НАН Таджикистана. – 2022. - № 2 (217). С. 102-107.

[3-М] **Тоиров А.С.** Эффективность применения Анолита нейтрального (АНК+) при сибирской язве/ А. С. Тоиров, Абдуллоев, А. О. // Известия Дагестанского государственного аграрного университета им. М. М. Джамбулатова. 2024. № 2 (22). С. 133-139.

[4-М] **Тоиров А.С.** Ретроспективный анализ сибирской язвы в пограничных районах Хатлонской области/ А. С. Тоиров, Абдуллоев, А. О// Известия НАН Таджикистана. – 2025. № 2 (229). С. 93-99.

[5- М] **Тоиров А.С.** Мониторнговые исследования, проведение мероприятий по выявлению, изучению активности сибиреязвенных захоронений животных на территории Хатлонской области Республики Таджикистан. // Журнал «Теория и практика мировой науки.». - Екатеринбург. - 2025. - № 8. С. 46-50.

[6-М] **Тоиров А.С.** Манбаъ ва нуқтаҳои носолими бемории сӯхтанӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон ва усулҳои ташхиси он/ Тоиров А. С. // Гузоришхои АИКТ. – Душанбе. 2025. № 3. С. 220-223.

Мақолаҳои дар дигар мағалаҳои даврӣ нашргардида:

[7-М] **Тоиров А.С.** Сибирская язва: современное эпизоотическое состояние Центрально-восточных районов Таджикистана и меры профилактики заболевания / А.С. Тоиров, М. Асрорзода, А. А. Муминов// Маводи конференсияи байналмилиии илмию амалӣ «Роҳҳои муосири пешгирии бемориҳои бештар паҳнгардидаи сироятӣ ва инвазионии чорвои кишоварзӣ». Душанбе, 2021. С. 15-17.

[8-М] **Тоиров А.С.** Вазъи эпизооти ва паҳншавии географии бемории сӯхтанӣ дар Тоҷикитон ва ҷаҳон / А.С. Тоиров, А. М. Муминов, М. Асрорзода // Международная научно–практическая конференция «Современные способы предотвращения наиболее распространённых инфекционных заболеваний скота». Душанбе, 2021. – С. 28-33.

[9-М] **Тоиров А.С.** Вазъи эпизоотии Тоҷикистон оид ба бемории сӯхтанӣ / А.С. Тоиров, А. А. Муминов, Ҷ. Ҳ. Неъматова, М. Асрорзода // Маводи конференсияи байналмилиии илмию амалӣ «Роҳҳои муосири пешгирии бемориҳои бештар паҳнгардидаи сироятӣ ва инвазионии чорвои кишоварзӣ». Душанбе. 2021. С. 77-79.

[10-М] **Тоиров А.С.** Паҳншавии ҷугрофии сӯхтанӣ дар Тоҷикистон / А.С. Тоиров, Ҷ. Ҳ. Неъматова, А. А. Муминов, М. Асрорзода // Маводи конфиренсияи байналмилии илмию амалӣ «Роҳҳои муосири пешгирии бемориҳои бештар паҳнгардидаи сироятӣ ва инвазионии чорвои кишоварзӣ». Душанбе, 2021. С. 90-91.

[11-М] **Тоиров, А. С.** Эпизоотическая ситуация и географическая распростанённость сибирской язвы в Таджикистане и мире / А. С. Тоиров // Республиканская научно-практическая конференция «Развитие аграрной науки накануне государственной независимости Республики Таджикистан», посвящённая 30 -летию независимости Республики Таджикистан. Душанбе, 2022. С. 90-91.

[12-М] **Тоиров, А. С.** Изучение эпизоотической ситуации по сибирской язве в мире/Муминов, А. А., Неъматова, Дж Х., Тоиров, А., Асрорзода, М. // Материалы Медународной научно-практической конференции: «Современные пути профилактики наиболее распространенных инфекционных и инвазионных болезней сельскохозяйственных животных». Душанбе, 2021. С. 72-74.

[13-М] **Тоиров А. С.** Хламидиози чорвои хурди шохдор дар Тоҷикистон / Г. Қ. Қурбонмамадова, А. С. Тоиров // Маводи конференсияи илмии Ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, иноватсия ва технологияи кишоварзӣ» Бахшида ба даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». Душанбе, 2022. С. 223-225.

[14-М] **Тоиров А. С.** Сӯхтании ҳайвонот ва омӯзиши манбаъҳои номусоиди ин беморӣ / А. С. Тоиров, Г. Қ. Қурбонмамадова, М. Асрорзода // Маводи конференсияи илмии Ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, иноватсия ва технологияи кишоварзӣ» Бахшида ба даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». Душанбе, 2022. С. 225-228.

[15-М] **Тоиров А.С.** Географическое распространение сибиреязвенных очагов в центрально-восточных районах Таджикистана / Тоиров А.С., Ш. Р. Мирзоахмедов, А. А. Муминов // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Беҳбудии соҳаи ветеринарӣ ва рушди илмии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2023. С. 41-49.

[16-М] **Тоиров А. С.** Сӯхтании ҳайвонот ва омӯзиши манбаъҳои номусоиди беморӣ / А. С. Тоиров, М. Асрорзода // Международная научно-практическая конференция «Эффективность выращивания сельскохозяйственных животных и птиц и роль ветеринарного обслуживания в обеспечении продовольствеенной безопасности РТ». Душанбе, 2023. С. 74-76.

[17-М] **Тоиров А. С.** Вазъи бемории сӯхтанӣ дар вилояти Хатлон / А.С. Тоиров, А. О. Абдуллоев, С. Х. Холов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ олимон ҷавон. Душанбе, 2024. С. 244-246.

[18-М] **Тоиров А. С.** Актуальные вопросы и эпизоотологические аспекты бешенства в Юго-Восточном Таджикистане / А. С. Тоиров, А. О. Абдуллоев, М. Арорзода // Журнал «MEDICUS». 2024. № 4 (58). С. 24-34.

[19-М] **Тоиров. А. С.** Омӯзиши таъсирнокии маводи сирятзудоӣ «Анолити нейтралӣ» бар зидди барангезандаи бемории сӯхтанӣ / А.С. Тоиров, А. О. Абдуллоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ «Усулҳои самараноки ташхис ва мубориза зидди бемориҳои сироятию инвазиони ҳайвонот». Душанбе, 2024. – с.27-31.

АНАТАЦИЯ

диссертация ТОИРОВА АБДУРАХИМА САНГОВИЧА на теме: "МОНИТОРИНГ СОВРЕМЕННОЙ ЭПИЗООТИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ И ЭПИЗООТОЛОГИЧЕСКОЙ ОПАСНОСТИ СИБИРЕЯЗВЕННЫХ ЗАХОРОНЕНИЙ НА ТЕРРИТОРИИ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН"

на соискание ученой степени кандидата ветеринарных наук по специальности 4.3.2 - Ветеринарная микробиология (вирусология, эпизоотология, микология с микотоксикологией и иммунология).

Ключевые слова: *инфекционные болезны, сибирской язвы, сибреязвенные захоронение, неблогополчный пункты, почва, неблогополчный точки, Нейтральный анолит, питательный среда, Хатлонской области Республики Таджикистан.*

Цель исследований. Цель настоящего исследования является мониторинг сибиреязвенных захоронений павших животных для определения наличия или отсутствия в них сибиреязвенной бациллы в Хатлонской области Республики Таджикистан:

- Определить возбудитель сибирской язвы из сибиреязвенных захоронений павших животных;
- Показать активность сибиреязвенных захоронений павших животных;
- изучить эффективность действия дезинфицирующих средств на сибиреязвенных бацилл в сибиреязвенных захоронениях.

Методы исследования. Комплексный, эпизоотологический, статистический, микроскопический, бактериологический, биологический и методы ПЦР- в реальном времени.

Полученные результаты. Определена эпизоотические очагы и неблагополучные пункты по сибирской язве, было изучено неблагополучные пункты и очагы по сибиреязвенным захоронениям животных в районах Хатлонской области Республики Таджикистан.

В результате проведенных исследований выявлены основные причини о сибиреязвенных захоронений животных, изучено в лабораторных условиях и производственных условиях новый электорхимичекого раствора – «Нейтральный анолит», являющий эффективным средством для дезинфекции сибиреязвенных очагов.

Объектами исследования сибиреязвенные захоронение животных, изоляты *Staphylococcus aureus, Escherichia coli* и *Bacillus anthracis*.

Научная новизна исследования. В ходе комплексных исследований эпизоотологической ситуации сибирской язвы и распространения её природных очагов среди сельскохозяйственных животных, для эпизоотического процесса были выявлены ключевые особенности.

Получены новые данные о сибиреязвенных бациллах, обнаруженных в захоронениях животных в разных районах Хатлонской области Таджикистана.

Кроме того, проведена оценка эффективности нового электрохимическиго раствора в борьбе с бациллой Bacillus anthracis в местах заражения.

Впервые в стране предложен метод лабораторного определения эффективности применения электрохимическиго раствора «Анолит нейтральный» против возбудителя сибирской язвы.

Практические предложение. Практические предложение включают кадастры, руководство, монография, и рекомендации и наставления направление для уничтоженые неблагополучных пунктов и борьбе с сибиреязвенных захоронений.

Област применения; ветеринария, животноводство.

АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи ТОИРОВ АБДУРАҲИМ САНГОВИЧ дар мавзуи: «МОНИТОРИНГИ АВЗОИ МУОСИРИ ЭПИЗООТӢ ВА ХАВФИ ЭПИЗООТОЛОГИИ МАДФАНҲОИ ҲАЙВОНОТИ АЗ БЕМОРИИ СӮХТАНӢ ФАВТИДА ДАР ҲУДУДИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» доир ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2 – микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо заҳразамбурӯғшиносӣ ва масуниятшиносӣ).

Калимаҳои калидӣ: *бемориҳои сироятӣ, бемории сӯхтанӣ, мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида, хок, манбаъҳои номусоид, нуқтаҳои номусоид, Анолити нейтралӣ, муҳити ғизоӣ, вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Мақсади тадқиқоти мазкур аз мониторинги мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида барои муайян намудани мавҷудият ё ҷой надоштани батсиллаҳои бемории сӯхтанӣ дар онҳо дар ҳудуди вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад:

- муайян кардани барагезандаи бемории сӯхтанӣ дар мадфани ҳайвоноти аз сӯхтанӣ фавтидашуда;
- омузиши фаъолнокии мадфани хайвоноте, ки аз бемории сӯхтанӣ фавтидаанд;
- омузиши самаранокии маводи сирятзудо бар барангезандаи бемории сӯхтанӣдар мадфанҳои аз ин беморӣ фавтида.

Усулҳои тадқиқот аз маҷмӯи омории эпизоологӣ, микроскопӣ, бактериологӣ, биологӣ ва усули СРП дар вақти воқеӣ иборат мебошад.

Натиҷаҳои бадастоварда. Манбаъҳои эпизоотологӣ ва нуқтаҳои аз нигоҳи бемории сӯхтанӣ номусоид муайян карда шуд; нуқтаҳо ва манбаъҳо доир ба мадфани ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида дар ноҳияҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхтаву тадқиқ карда шуданд.

Дар натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда сабабҳои асосии хавфнокии мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида муайян карда шуд.

Дар як маврид маводи электрокимёии нав – «Анолити нейтралӣ», ки воситаи самарабахш барои сироятзудоии манбаъҳои бемории сӯхтанӣ ба шумор меравад, дар шароитҳои озмоишгоҳӣ ва истеҳсолӣ омӯхта шуд.

Объектҳои таҳқиқот мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида, изолятҳои *Staphylococcus aureus, Escherichia coli* ва *Bacillus anthracis* иборат буд.

Навгонии илмии тадқиқот. Дар рафти тадқиқоти маҷмӯии вазъи эпизоотии бемории сӯхтанӣ ва паҳншавии манбаъҳои табиии он дар байни ҳайвоноти кишоварзӣ ва барои ҷараёни эпизоотӣ махсусиятҳои хос зоҳир карда шуданд.

Доир ба батсиллаҳои бемории сӯхтанӣ, ки дар мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ фавтида дар ноҳияҳои гуногуни вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир карда шуданд, маълумотҳои нав дастрас гардиданд. Ба ғайр аз ин, баҳои самарабахшии маводи электрокимёии нави – «Анолити нейтралӣ» дар мубориза бо батсилаи Bacillus anthracis дар маконҳои сироятёфта гузаронида шуд.

Бори аввал дар мамлакат усули ба тариқи озмоишгоҳӣ муайян намудани самарабахшии ба кор бурдани маводи электрокимёии нави – «Анолити нейтралӣ» бар зидди барангезандаи бемории сӯхтанӣ пешниҳод гардидааст.

Тавсияҳои амалӣ кадастр, монография, ва дастурамалҳоеро, ки ба маҳви нуқтаҳои носолим ва мубориза бо мадфанҳои ҳайвоноти аз бемории сӯхтанӣ равона гардидаанд, дар бар мегирад. **Соҳаи истифода:** ветеринарӣ, човодорӣ.

ABSTRACT

The dissertation of TOIROV ABDURAKHIM SANGOVICH on the topic: "MONITORING THE CURRENT EPIZOOTIC SITUATION AND EPIDEMIOLOGICAL DANGER OF ANTHRAX BURIALS IN THE TERRITORY OF THE KHATLON REGION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN" for the degree of Candidate of veterinary sciences in the specialty 4.3.2- Veterinary microbiology (virology, epizootology, mycology with mycotoxicology, and immunology).

Keywords: Infectious diseases, anthrax, anthrax burials, unvaforable area, soil, unfavorable point,anolyte neutral, nutrient medium, Khatlon region, Republic of Tajikistan.

Research objective. The aim of the present research is to monitor anthrax burials of dead animals to determine the presence or absence of *Bacillus anthracis* in the Khatlon region of the Republic of Tajikistan:

- Identify the anthrax pathogen from anthrax-infected animal burial sites;
- Demonstrate the activity of anthrax-infected animal burial sites;
- Study the effectiveness of disinfectants on anthrax bacilli in anthrax burial sites.

Research methods. A comprehensive epizootological, statistical, microscopic, bacteriological, biological, and real-time PCR methods were pplied.

Results obtained. The epizootic foci and points of unfavorable zones for anthrax were determined, and the unfavorable points and foci of anthrax burials of animals in the Khatlon region of the Republic of Tajikistan werestudied. Asa result of the research, the main causes of anthrax animal burials wereidentified.

A new electrochemical solution – "Neutral Anolyte" – was tudied in laboratory and production conditions and found to be an effective agent for disinfecting anthrax foci.

Research objects. The study involved anthrax animal burials and isolates of *Staphylococcus aureus*, *Escherichia coli*, and *Bacillus anthracis*.

Scientific novelty of the research. During comprehensive studies of the epizootic situation of anthrax and the spread of its natural foci among livestock, key features of the epizootic process were entified. New data wereobtained on *Bacillus anthracis* found in animal burials in various districts of the Khatlon region of Tajikistan.

Furthermore, an evaluation of the effectiveness of the new disinfectant in combating *Bacillus anthracis* in infected areas was onducted. For the first time in the country, a method for laboratory determination of the effectiveness of the disinfectant "Neutral Anolyte" against the anthrax pathogen was proposed.

Practical proposal. The practical proposals include regulatory technical documents, instructions, cadastres, guides, monographs, recommendations, and instructions for the destruction of unfavorable points and the fight against anthrax burials.

Field of application. Veterinary medicine, animal husbandry.